**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи номзадии Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна ба мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ» бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик бори нахуст сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳоро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ба таври мушаххас таҳқиқ менамояд ва алоқамандона бо ин қолабҳои сохтории калимаҳо, нақши вандҳои калимасоз дар ташаккули онҳо, қолабҳои сохтории калимаҳои мураккаб, мансуб будан ба кадом ҳиссаи нутқ, ҷузъҳои таркибии онҳо ва калимаҳои дар доираи қолабҳои маъмули калимасозӣ сохтаи шоир муқаррар карда шудаанд.

Дар боби аввал таҳти унвони «**Калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо (дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ)**», ки ду фаслро дар бар мегирад, муҳаққиқ андешаи худро дар мавриди маълумотҳои назариявӣ, ки аз ҷониби олимони гуногун дар асару мақолаҳояшон дарҷ гардидаанд, баён намуда, навъҳои калимаҳои сохтаро муайян кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** аз се фасл иборат буда, дар он масъалаҳои назариявию амалии калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ (исм ва сифат), мавқеи миёнвандҳо дар сохтани калимаҳои мураккаб, ҳамнишинии ҳиссаҳои нутқ дар раванди калимасозӣ ва таҳлили сохторию маъноии калимаҳои мураккаби ғазалиёти шоир таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқ дар ҳама маврид ба назарияи илмии олимон такя карда,ҷанбаҳои амалии таҳқиқи худро асоснок менамояд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал сохту таркиби морфологии калимаҳо, тарзу восита ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба таври мушаххас таҳқиқ шуда, алоқамандона бо ин қолабҳои сохтории калимаҳо, нақши вандҳои калимасоз дар ташаккули онҳо, қолабҳои сохтории калимаҳои мураккаб, мансубияти ҳиссаинутқии ҷузъҳои таркибии онҳо ва калимаҳои дар доираи қолабҳои маъмули калимасозӣ бавуҷудовардаи шоир муқаррар карда шудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд назарияи илми сарфу калимасозии забони тоҷикиро ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам дар забони муосир такмил диҳад. Бо дарназардошти он ки масъалаи асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо омӯзиш ва баррасии гурӯҳҳои сохтории калимаҳо, сохту таркиби морфологӣ, қолабҳо, замина ва тарзу воситаҳои ташаккули онҳо ташкил менамояд, хулосаҳои аз ин таҳқиқот бадастомада метавонанд назарияи илми забоншиносиро тақвият бахшанд ва зимни таҳияи рисолаҳои илмии магистриву номзадӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз морфология, калимасозӣ, грамматика дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурда шаванд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи номзадии Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Муҳаммад Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Султон Ҳ.Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Гадоев Н.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Мирзоева М.

**09.07.2025.**